# «Баъзе мушкилоти забони давлатӣ дар китобҳои дарсӣ» — дар ин мавзӯъ бахшида ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ машварат доир мегардад

Опубликовано 21 февраля, 2020 - 14:26 пользователем Ҳайати тадорукот

[1]

ДУШАНБЕ, 20.02.2020. /АМИТ «Ховар»/. «Баъзе мушкилоти забони давлатӣ дар китобҳои дарсӣ» — таҳти чунин унвон пагоҳ, 21 феврал, соати 10:00 дар толори Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон машварат доир мегардад. Кумитаи забон ва истилоҳоти ҷумҳурӣ  аз ташкилкунанагони асосии он ба шумор меравад.

Тавре Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор Олимҷон Муҳаммадҷонзода ба хабарнигори АМИТ «Ховар» Мавҷуда Анварӣ иброз намуд,

машварат ба Рӯзи байналмилалии забони модарӣ, ки ҳамасола 21 феврал дар ҷаҳон таҷлил мегардад, бахшида мешавад.

«Забон сарчашма, калиди ҳамаи маънавиёт ва сарвати маънавии инсон ба шумор меравад, ки он барои камолот ва ташаккули инсонҳо дар рӯҳияи инсонпарварӣ хидмат мекунад. Эҳтиром ба забони модарии худ, фарҳанг ва тамаддуни хеш эҳтиром ба тамаддуни дигар инсонҳоро нишон дода, байни онҳо решаи дӯстӣ ба вуҷуд меорад», — зикр кард Олимҷон Муҳаммадҷонзода.

Бино ба маълумоти номбурда, ташкил кардани машварат дар мавзӯи баъзе мушкилоти забони давлатӣ дар китобҳои дарсӣ бесабаб нест, зеро ин яке аз  масъалаҳои мубрам мебошад. Ба ҳамин хотир машварат бо ҷалби намояндагони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, донишгоҳу донишкадаҳо, Коллеҷи омӯзгории шаҳри Душанбе, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ доир мегардад. Дар он як зумра масъалаҳои вобаста ба забони барномаҳои китобҳои дарсӣ, мушкилот ва рушди забони давлатӣ дар муассисаҳои таълимӣ, беҳгардонии забони китобҳои дарсӣ ва ғайра мавриди  баррасӣ қарор дода мешаванд.

Тоҷикистон ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамасола Рӯзи  байналмилалии забони модариро дар муассисаҳои илмӣ ва олии мамлакат, инчунин дар мактабҳои миёна   бо баргузор намудани конфронсҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳо таҷлил мекунад.

Рӯзи  байналмилалии забони модарӣ бо мақсади ҳифзи забонҳо ва фарҳангҳои гуногуни ҷаҳон дар иҷлосияи 30-юми конфронси генералии ЮНЕСКО, ки 17 ноябри соли 1999 баргузор гардида буд, эълон шуд.

Иқдоми ЮНЕСКО дар масъалаи қабули Рӯзи байналмилалии забони модарӣ-ин даъват кардани давлатҳои рӯйи олам ба эҳтирому арҷгузорӣ ва ҳимояи ҳамаи забонҳо мебошад, ки дар замони ҷаҳонишавӣ зери таҳдиди нобудшавӣ қарор доранд.

Ба ақидаи забоншиносон, дар шароити тезутунди ҷаҳонишавӣ ҳифзи забони модарӣ ҳамчун унсури таркибии фарҳанги миллӣ аз мушкилотест, ки сари он бояд меросбарони забон амиқ андеша намоянд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон  дар баробари рушд ва вусъати бештар пайдо намудани доираи нуфузи забони давлатӣ, ҷиҳати инкишофи забон ва фарҳанги ақаллиятҳои миллии муқими Тоҷикистон тадбирҳои зиёд амалӣ менамояд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар бораи забон қабул шудаанд, ҳифзи забони давлатӣ ва дигар забонҳои ҳудуди ҷумҳуриро таъмин менамоянд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар суханрониҳои хеш масъалаи поку беолоиш нигоҳ доштани забони давлатӣ ва баланд бардоштани мақоми онро дар ҷомеа ба миён мегузоранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари забони давлатӣ барои истифодаи озоди забонҳои модарии намояндагони дигар миллату халқиятҳои сокини мамлакат тамоми шароит ва заминаҳои ҳуқуқӣ муҳайё гардидаанд.

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]
- АМИТ «Ховар» [3]
- Забони тоҷикӣ [4]
- Конференсияҳо [5]

---

**Источник::**https://kumitaizabon.tj/ru/content/baze-mushkiloti-zaboni-davlati-dar-kitobkhoi-darsi-dar-mavzu-bahshida-ba-ruzi-baynalmilalii

**Ссылки**
[1] https://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/Raisi_Kumitai_Zabon_2020.jpg [2] https://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] https://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/12 [4] https://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/38 [5] https://kumitaizabon.tj/ru/taxonomy/term/30